Китоби Муқаддас барои кӯдакон

# Писари гумроҳшуда



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Lazarus
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Ruth Klassen; Sarah S.

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.

Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё
чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.



Исо дар бораи бахшиши Худованд ба одамон гап заданро дӯст медошт. Аммо роҳбарони яҳудӣ шикоят карданд, ки Исо бо гунаҳкорон дӯстӣ мекунад. Аз ин рӯ, Исо се ҳикоя нақл кард, то нишон диҳад, ки вақте ки гунаҳкорон аз гуноҳҳояшон пушаймон мешаванд, Худо шод мешавад.





Ҳикояи якум дар
бораи марде буд,
ки сад гӯсфанд дошт.
Як гӯсфанд гум шуд.
Ҳамон замон чӯпон
наваду нӯҳ гӯсфандро
монда, барои кофтани
гӯсфанди
гумшуда
рафт.





Чӯпон то гӯсфандро ёфтанаш, кофту кофт. Баъд онро ба китфҳояш гузошта, хурсандона ба хона овард. Ӯ ба дӯстонаш гуфт: “Бо ман хурсандӣ кунед!

Ман гӯсфанди гумшудаамро ёфтам!”

Исо фаҳмонд, ки дар осмон барои як гунаҳкоре ки тавба мекунад, хурсандии бузурге мешавад. Тавба ин пушаймон шудан аз гуноҳҳо аст, пушаймонии сахте ки одам аз гуноҳ даст мекашад.





Ҳикояи дигари
Исо дар бораи
зане буд, ки даҳ
тангаи нуқра дошт
ва шояд он
пасандози тамоми
ҳаёташ буд.  Кори
нохубе шуд.  Зан
як тангаашро гум
кард.

Зан хонаро мерӯфту мерӯфт. Вай ҳама ҷойро дид. Ниҳоят зан тангаи гумкардаашро ёфт. Ӯ хеле хурсанд буд. Оё гуфта метавонед, ки вай чӣ кор кард? Ҳа дуруст, вай инро ба тамоми дӯстонаш нақл кард.





Исо боз гуфт:
“Дар байни
фариштагони
Худо барои як
гунаҳкоре ки
тавба мекунад,
чунин хурсандӣ
хоҳад буд”.

Ҳикояи сеюме ки Исо нақл кард, ғамангезтарин буд. Ин дар бораи писаре буд, ки аз хонаи падараш баромада меравад.



Вай дар кишвари дурдаст пулашро аблаҳона сарф кард. Акнун вай чӣ кор карда метавонист? Аз ҳама бадтараш гуруснагӣ омад. Вай метавонист аз гушнагӣ мирад.



Писар аз гуруснагӣ ноумед шуда, кори хукбонӣ ёфт. Аммо касе ба вай хӯрок намедод. Ӯ тайёр буд, ки хӯроки хукҳоро хурсандона хӯрад. Эҳтимол, вай аз он хӯрд. Ниҳоят ақли писар даромад. “Ба хона бармегардам, дар он ҷо ҳатто хизматгорон нағз хӯрок мехӯранд” — фикр кард ӯ.





“Ба хона баргашта ба падарам мегӯям, ки аз гуноҳҳоям пушаймонам.  Ман лоиқ нестам, ки боз писари вай бошам. Умедворам вай маро ҳамчун ғулом ба кор мегирад”.

Вай ҳанӯз дар дурӣ буд, ки падараш омаданашро дид. Падар хурсандона ба тарафи писари баргашта истодааш давид. Ӯ писарашро ба оғӯш гирифта бӯсид.





“Падарҷон, ман гуноҳ кардам. Ман лоиқ нестам, ки боз писари шумо бошам”. Писар ба падараш гуфтанӣ буд, ки вайро ҳамчун ғулом ба кор гирад. Аммо падар гапашро бурида гуфт:

“Барои писарам ҷомаи беҳтарин, пойафзол ва ангуштарин биёред. Ба зиёфати калон тайёр шавед.”

Зиёфати аҷоибе буд, зеро писаре ки гум шуда буд, ёфт гардид.  Ин ҳикоя нишон медиҳад, ки чӣ гуна Худо қабули гунаҳкоронро, ки тавба карда, назди Ӯ меоянд, дӯст медорад.  Ба ҳамин хотир Исо ин ҳикояро нақл кард.



# Писари гумроҳшуда

Ҳикоя аз Каломи Худо

Луқо 15

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

# Хотима

45

60

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16